# ҚАРОРИ
## ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 11 сентябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-059** диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ амалия ва дурнамои инкишофи он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ Искандаров З.Ҳ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.), тақризи муассисаи пешбар, тақризҳо ва баромадҳои муқарриризони расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Файзиев Шодруд Фармонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент Муҳиддинов Алишер Абдувоҳидович, баромади аъзои шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ғафуров Хайрулло Мирзамонович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов Изатулло Тешаевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳматҷонзода Рифат Раҳматҷон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич, муқарризи ғайрирасмӣ Сафарзода Ҳаёт Сайдамирро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло - дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ амалия ва дурнамои инкишофи он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти аспирант пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Раҳимзода Муъмин Сайфулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда мешавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, ба Раҳимзода Муъмин Сайфулло дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**